«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои физика-математика,
профессор, узви вобастаи АИ ҶТ
________________ Абдулло Ҳабибулло
«19» сентябри соли 2019

**Хулосаи**

ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраҳои забони тоҷикӣ ва таълими он, педагогика ва забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи «Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ бо ихтисоси 13.00.02 -назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забони хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Соли 2005 Шарипов Х.А. факултаи филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси «муаллими забони англисӣ» хатм кардааст.

Унвонҷӯ аз соли 2013 инҷониб ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шуда кор мекунад. Дар муддати тайёр намудани диссертатсия Шарипов Х.А. дар кафедраи мазкур кору фаъолият мекард.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои филологӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон Ҷумъахон Алимӣ.

Дар натиҷаи муҳокима чунин ХУЛОСА қабул карда шуд:

Даҳсолаи охирини асри XX ва оғози асри XX1 дар инкишофи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи наве боз намуд. Давлати мо, мисли ҳама мамлакатҳои ИДМ, ба раванди умумиҷаҳонии маориф ворид

гашт. Дар ин давра дар пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқии он тағйироти назаррас ба амал омаданд. Ҳуҷҷатҳое аз шумули Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ» (1996) ва «Стратегияи миллии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар ҶТ барои солҳои 2007-2015», Барномаи давлатии рушд ва вориднамоии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, таҳти № 468), Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайра таҳия ва тасвиб ёфтанд, ки онҳо дар назди олимон ва мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ оид ба бунёдан такмил додани таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои миёна ва олӣ як қатор вазифаҳои масъулиятнок мегузоранд.

Давраи кунунии рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раванди иттилоотонии пуршиддати он тавсиф мешавад. Иттилоотонии таълим ҳамчун раванди ҳадафмандонаи таъмини таҳсилот бо методология, технология, таҷрибаи эҷод ва беҳтар истифода бурдани ҷанбаҳои илмию педагогӣ ва тарбиявӣ, ки ба татбиқи имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (минбаъд: ТИК), ки дар шароитҳои муассир ва солим истифода мешаванд, арзёбӣ мегардад. Дар натиҷа як қатор таҳқиқоти бунёдӣ дар адабиёти илмӣ оид ба истифодаи ТИК дар ҷараёни таълим сурат гирифтаанд (Роберт, С.В.Панукова, А.А.Кузнетсова, Э.С.Полат, А.Л.Андреев, А.Ю. Кравтсова ва ғ.). Аксарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар платформаҳои электронии E-learning ва MOODLE барои ташкили раванди таълим барои ҳама шаклҳои таҳсилот (рӯзона ва ғоибона) омодагӣ мегиранд.

Барои ҳимоя мулоҳизаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) Муқаррар намудани шароитҳои психологию педагогӣ барои омӯзиши

забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ;

2) Муайян кардани хосиятҳои технологияҳои сайёру мултимедӣ: дастрасӣ тавассути дастгоҳҳои сайёру мултимедӣ, қобилияти интиқол додани маълумот дар шаклҳои гуногун (матн, графика, видео, садо);

3) Муайян намудани хусусиятҳо ва функсияҳои фанни забони англисӣ барои ихтисосҳои гуманитарӣ ва вазифаҳои методии технологияҳои мултимедӣ;

4) Муайян намудани доираи маҳорати гуфтор ва малакаҳои забонӣ дар нутқи муҳассилини ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ.

5) Таҳияи низоми методии таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ.

6) Имконияти ташкили муҳокимаи шабакавӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ; қобилияти анҷом додани лоиҳаҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ; ташкили корҳои тадқиқотӣ; рушди малакаи фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён.

7) Татбиқи технологияи таълимии «омӯзиш дар ҳамкорӣ»; рушди фаъолмандии донишҷӯён; рушди малакаҳои касбӣ дар самти муваффақшавӣ ба донишҳо.

8) Ташаккули маҳорати гуфтор (дар асоси муоширатҳои шифоҳӣ ва хаттӣ), салоҳияти иҷтимоию фарҳангӣ барои фароҳам овардани омӯзиши забони англисӣ ҳамчун воситаи муошират дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва касбӣ.

9) Таҳияи алгоритми маҳорати гуфтор дар донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ (технологияи блогҳо ва пневматикҳо) ва як қатор вазифаҳое, ки ба рушди малакаҳои забонии донишҷӯён дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ нигаронида шудаанд;

10) Баҳо додани самаранокии усулҳои таълими забони англисӣ

ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ дар таълими таҷрибавӣ ва тавсифи натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии он.

Навгониҳои илмии тадқиқот аз инҳо иборат мебошад:

1. Бори аввал дар илми педагогика ва таърихи маорифи Тоҷикистон методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ омӯхта шуд.

2. Дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ малакаҳои нутқӣ ва забонии донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитар аз забони англисӣ ташаккул дода шуданд.

3. Нисбати истифодаи технологияҳои сайёру мултимедӣ ба сифати васоити ёвари таълими забони англисӣ ваҷҳи (мотиватсияи) донишҷӯён муайян карда шуданд.

4. Барои татбиқи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ омодагии омӯзгорон муайян карда шуданд.

5. Истифодаи ТИК дар ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯёну омӯзгорони забони англисӣ баррасӣ карда шуд.

6. Таълими забони англисӣ дар асоси равияи шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ коркард карда шуд.

7. Ду алгоритме, ки се марҳиларо фаро мегирад (тайёрию омодагӣ, мурофиавӣ (протсессуалӣ ва арзёбӣ) ва қадамҳо оид ба рушди малакаҳои нутқӣ дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ (блог-технологияҳо ва зеркастҳои сайёр) баррасӣ карда шуданд.

8. Силсилаи супоришу вазифаҳо барои ташаккули малакаҳои нутқии донишҷӯён бо истифода аз технологияҳои сайёру мултмедӣ (луғату фарҳангҳои сайёр ва маҷмӯаҳои лингвистӣ) коркард карда шуд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар диссертатсия дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ малакаҳои нутқӣ ва забонии донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои

таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ аз забони англисӣ ташаккул дода шуданд: ба тартибдарории равиши ҳадафҳо, вазифаҳо ва маҷмӯи принсипҳо, мундариҷаи таълим, шароитҳои педагогӣ, давраҳои пажӯҳиши озмоишӣ ва меъёрҳо барои баҳодиҳии маҳорат ва малакаҳои ташаккулёфта гузаронда шуд. Истифодаи ТИК дар ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯёну омӯзгорони забони англисӣ баррасӣ карда шуда, таълими забони англисӣ дар асоси равияи шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ коркард карда шуд, то ки давраҳо ва механизмҳои ташаккули қобилиятҳо ва малакаҳои номбурда дар омӯзгорони оянда ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ гардонда шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро методикаи аз лиҳози назариявӣ асосноккардашуда ва аз лиҳози озмоишӣ санҷидашудаи омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, ки барои ҳалли масъалаи баланд бардоштани самарабахшии ташкили раванди таълими забони англисӣ мавриди истифода қарор мегирад, ташкил медиҳад. Барномаи коркарднамудаи муаллиф вобаста ба пажӯҳиши таҷрибавӣ-озмоишӣ барои омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ дар самти таълими фанҳои таъриху ҳуқуқи донишгоҳҳои омӯзгорӣ барои амалӣ сохтани донишҳои махсуси забонӣ, маҳорат ва малакаҳои донишҷӯёни факултетҳои ихтисосҳои гуманитарӣ ва салоҳияти касбии онҳо мусоидат мекунад; натиҷаҳои пажӯҳиш ҳамчунин дар маҷмӯъҳои таълимӣ-методии коркарднамудаи муаллиф (МТУ), ки ба барнома ворид карда шудаанд, силлабусҳо ва мундариҷаи машғулиятҳои курси «Забони англисӣ» дар факултаҳои ихтисосҳои гуманитарӣ муаррифӣ гардидаанд, коркард ва татбиқ карда шуданд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсиониро метавонанд муаллимони муассисаҳои тахсилоти миёна ва олӣ зимни таълими забони хориҷӣ истифода баранд.

Мазмун ва муҳтавои автореферат нуктаҳои асосии диссертатсия ва натиҷаю хулосаҳои онро инъикос карда, пурра бо худи тадқиқоти диссертатсионӣ мувофиқат мекунад.

Тадқиқоти диссертатсиониро дар маҷмӯъ мавриди арзёбӣ қарор дода, бояд таъйид кард, ки он кори илмии пурра ба анҷомрасида буда, шахсан аз ҷониби муаллиф иҷро гаштааст, проблемаи муайян - «Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)» ҳаллу фасл гаштааст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани ғояҳо ва мулоҳизаҳои асосии диссертатсия, коркарди амсилаи консептуалӣ, ки ин имкон додааст дар заминаи муносибатҳои босалоҳият нисбати таълим, шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ, таҳсилоти фосилавӣ, назария ва амалияи вориднамоии ТИК-и муосир, ҳамчунин технологияҳои сайёру мултимедӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ, проблемаи методҳои омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»), инчунин кори таҳқиқотӣ, тафсир ва санҷиши натиҷаҳои комёбгашта самарабахш омӯхта шавад.

Иштироки шахсии унвонҷӯ инчунин дар он ифода меёбад, ки вай КМТ, силлабус ва нақшаи нави таълимиро оид ба курси “Забони англисӣ барои факултетҳои таърих ва ҳуқуқ ” коркард ва ба ҷараёни таълим ворид намудааст. Дар интихоби усулҳо ва тарзҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди омӯзиши касбӣ, дар амалигардонӣ ва роҳнамоии бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, дар мустақилона ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва асарҳои интишоршуда, аз ҷумла дастурҳои таълимӣ-методӣ ва мақолаҳо ширкат варзидааст.

Диссертатсияи Шарипов Х.А. таҳти унвони «Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ бо ихтисоси 13.00.02 -назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забони хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраҳои забони тоҷикӣ ва таълими он, педагогика ва забони англисии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул шудааст.

Дар овоздиҳӣ 24 нафар ширкат доштанд.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 24 нафар, «зид» - нест, «худдорӣ карданд» - нест. Суратҷаласаи №8 аз 19 сентябри соли 2019.

Раисикунанда:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Лоиқов П.Ҷ.

Котиб:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Исоева Д.С.

Имзои дотсент Лоиқов П.Ҷ. - ро тасдиқ мекунам:
сардори РК ва КМ ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.